# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ШАҲРВАНДОН

Бо қарори Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 2 ноябри соли 2022,№ 887
қабул карда шуд
Бо қарори Маҷлиси миллии
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 16 декабри соли 2022, № 332
ҷонибдорӣ карда шуд

Қонуни мазкур ҳадаф, принсипҳо ва самтҳои тарбияи ватандӯстӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии онро муқаррар карда, муносибатҳои вобаста ба ташкили заминаҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, таъмин ва танзими фаъолиятро дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон муайян менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **Ватан** - Тоҷикистон, кишвари азизу маҳбуб барои шахс, ҷомеаи иҷтимоӣ ё миллии одамон, ки онҳо мансубияташонро ба он ҳамчун шароити зарурии некуаҳволии худ медонанд;

- **ватандӯстӣ** - муҳаббати шахс ба Ватан, сарзамин ва халқ, ҳифз намудан аз душман ва ба манфиати онҳо содиқона хизмат кардан;

- **дастгирии давлатии субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ** - маҷмуи чораҳои ташкилии таълимӣ, иттилоотӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва чораҳои дигари аз тарафи мақомоти давлатӣ қабул ва амалишаванда, ки ба муҳайё намудани шароити мусоид барои кори ватандустӣ нигаронда шудаанд;

- **мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон** - мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон амалӣ менамояд;

- **низоми тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон** - маҷмуи субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ, заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ, маънавӣахлоқии фаъолияти таълимӣ ва оммавию тарбиявӣ, инчунин маҷмуи тадбирҳо ҷиҳати ташаккули тафаккур ва ҳисси ватандӯстии шаҳрвандон;

- **тарбия** - падидаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогӣ, ки ҳамчун фаъолияти махсуси мақсадноки инсон барои рушди шахс ва ворид шудани ӯ ба ҷараёни зиндагии воқеӣ ва бунёди ҳаёти маданӣ равона гашта, барои танзими ҳаёти инсон ва пешрафти ҷомеа хизмат менамояд;

- **тарбияи ватандӯстӣ** - фаъолияти мураттаб ва мақсадноки мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ, оила ва шаҳрвандон, ки барои ташаккули дарки баланди ватандӯстӣ дар тафаккури шаҳрвандон, ҳисси садоқат ба Ватан, омода будан ба адои қарзи шаҳрвандию уҳдадориҳои конститутсионӣ барои ҳимояи манфиатҳои Ватан нигаронда шудааст;

- **тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ** - маҷмуи тадбирҳое, ки барои аз ҷониби шахс дарк намудани арзишҳои олӣ, ормонҳо, ҳадафҳо, раванд ва падидаҳои муҳими иҷтимоӣ дар ҳаёти воқеӣ, қобилияти ба роҳбарӣ гирифтани онҳо ҳамчун принсипҳои муайянкунанда ва мавқеъ дар фаъолияти амалию рафтор, ки ба хизмати сазовор ба Ватан равон карда шудааст;

- **тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ** - маҷмуи тадбирҳое, ки баҳри дар тафаккури шаҳрвандон тарбия намудани дарки зарурати бошууронаи хизмати фидокоронаю беғаразона ба Ватан зимни иҷрои вазифаҳои хизматӣ, меҳнатӣ ва ҷамъиятӣ, муҳаббат ба кишвари маҳбуб, ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ, риояи қонун, ахлоқи ҳамида, фарҳанги умумӣ, мавқеи амиқи шаҳрвандӣ, омодагии доимӣ барои адои қарзи конститутсионӣ ва уҳдадориҳои шаҳрвандӣ, ифтихор аз дастовард ва анъанаҳои ниёгон равон карда шудааст;

- **тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ** - маҷмуи тадбирҳо, ки баҳри дар тафаккури шаҳрвандон ташаккул додани дарки бошууронаи ҳимояи

Ватан, омодагӣ ба хизмати ҳарбӣ, тарбияи ҳисси ифтихор аз мансубият ба халқи худ, дастовардҳои он ва Қувваҳои мусаллаҳи кишвар, эҳтиром ба таърихи меҳан, хизмати ҳарбӣ, либоси низомӣ, ташаккули ҳисси ҳифзу љанигардонии анъанаҳои пуршарафи ҳарбии ниёгон, абадигардонии хотираи муборизони дар роҳи ҳифзи Ватан ҳалокшуда нигаронда шудааст;

- **ҳисси шаҳрвандӣ** - ҷонибдории шахс аз манфиати давлат ва ҷомеа, низоми муносибат, рафтор ва фаъолияти ба он мувофиқ дар шароити давлат.

## Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

# БОБИ 2. СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ШАҲРВАНДОН

## Моддаи 3. Мақсад ва вазифаҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон

1. Мақсади тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон аз инҳо иборат аст:

- ташаккул додани айнияти шаҳрвандӣ, сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳувияти миллӣ, тафаккур ва ҳисси ватандӯстӣ дар ниҳоди шаҳрвандон;

- тарбия намудани шаҳрвандон дар руҳияи муносибати ватандӯстона ба ҷомеа ва давлат дар заминаи фаъолияти баланди ҷамъиятӣ, масъулияти шаҳрвандӣ, омодагӣ ва қобилияти хизмат ба Ватан, таҳкиму таъмини манфиатҳои ҳаётан муҳим ва рушди устувори давлат;

- ҳамчун арзишҳои муҳими иҷтимоӣ ва маънавию ахлоқӣ тақвият додани заминаҳои ҳисси шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ дар ҷомеа, ташаккул ва рушди сифатҳои неки шаҳрвандӣ-иҷтимоии насли наврас ва қобилияти аз ҷониби онҳо зоҳир намудани ин сифатҳо дар раванди бунёдкориҳо ба нафъи ҷомеа ва давлат, аз ҷумла дар намудҳои фаъолияте, ки ба таъмини амнияти онҳо алоқаманданд.

2. Вазифаҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон инҳоянд:

- ташаккули худшиносии миллӣ, муносибати арзанда ба шахсият, ҷомеа, давлат, љояву арзишҳо, инчунин эҳё ва рушди онҳо;

- ҷалби насли наврас ба низоми арзишҳои иҷтимоию маданӣ, ки таъриху фарҳанги љанӣ ва ба худ хоси Ватану миллатро инъикос менамояд, дар тафаккури онҳо ташаккул додани арзишҳои олии маънавию ахлоқӣ, маданӣ ва худогоҳӣ, талабот ба рушди минбаъдаи онҳо;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои аз ҷониби шаҳрвандон зоҳир намудани ҳисси ватандӯстӣ, адои шоистаи қарзи ҷамъиятию давлатӣ ва ҳарбӣ дар самтҳои гуногуни фаъолият ва муносибат бо назардошти манфиат ва талаботи онҳо;

- тарбияи эҳтиром ба қонун, меъёрҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, ҳисси масъулияти иҷтимоӣ ҳамчун сифатҳои муҳими шахс, ки дар љамхорӣ ба некуаҳволии кишвари худ, таҳким ва ҳифзи он зоҳир мегарданд;

- тарбияи меҳнатдӯстӣ ҳамчун арзиши муҳими зиндагӣ, майли ба манфиати ҷомеа ва давлат меҳнат кардан;

- ташаккули талабот ба рушди маънавию ахлоқӣ, пешбурди тарзи ҳаёти солим, љамхорӣ ба пиронсолону наздикон, дастгирии муҳити созгор дар коллективи меҳнатӣ.

## Моддаи 4. Принсипҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон

1. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- муносибати мураттаби ташкилӣ, ки ҳамоҳангии кори тамоми ташкилотҳои давлатию ҷамъиятиро оид ба тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон дар бар мегиранд;

- кори унвонию фардӣ бо шаҳрвандон, усул ва воситаҳои гуногуншакл, ки манфиат, майлу раљбат, сатҳи таҳсилот, вазъи иҷтимоӣ ва љайраро дар бар мегирад;

- гуногунҷабҳа ва алоқаманд будани самтҳои асосии тарбияи ватандӯстӣ, ки муносибати тому маҷмуии амалигардонии онҳоро дар бар мегиранд;

- ба назар гирифтани хусусиятҳои миллӣ, этникӣ-маданӣ ва хусусиятҳои дигар дар ташаккули ѓояҳои ватандӯстӣ ва арзишҳо, ки мазмун ва мундариҷаи ватандӯстиро муайян мекунанд;

- ошкор ва мустақилияти арзёбии натиҷаи иҷрои тадбирҳои ба тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон нигарондашуда.

2. Принсипҳои дар қисми 1 ҳамин модда пешбинигардида бо ҳам алоқаманд буда, дар ягонагӣ амал мекунанд.

3. Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон инҳоянд:

- фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва ҷисмонии шаҳрвандон;

- таҳия ва татбиқи шаклҳои самараноки технологияҳои иҷтимоисози шахсияти шаҳрванд, бахусус ҷавонон, ҷалби фаъоли онҳо ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмӣ, экологӣ ва масъалаҳои дигари давлат;

- навсозӣ ва ѓанигардонии муҳтавои тарбияи ватандӯстӣ, усул, шакл ва воситаҳои он;

- ташкили механизми илҳомбахш ва ҳамоҳангсози фаъолияти самараноки низоми тарбияи ватандӯстии гурӯҳҳои гуногуни шаҳрвандон дар ҳамаи сатҳҳо;

- тақвияти масъулияти мақомоти давлатӣ ҷиҳати тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон;

- тавсеаи субъектҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон;

- ташкил ва такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон.

## Моддаи 5. Субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ

1. Субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ инҳоянд:

- мақомоти давлатӣ ва мақомоти дигаре, ки идоракунии соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандонро амалӣ мекунанд;

- коллективҳои меҳнатӣ, эҷодӣ, илмӣ, ҳарбӣ ва ѓайра;

- муассисаҳои таълимӣ;

- муассисаҳои фарҳангӣ;

- иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятию давлатии шаҳрвандон ва ҳамватанони берун аз марз истиқоматдошта;

- ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) динӣ;

- ҳизбҳои сиёсӣ;

- воситаҳои ахбори умум;

- оила;

- шаҳрвандон.

2. Субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ бо восита ва имкониятҳои ба худ хос вазифаҳои соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандонро амалӣ менамоянд.

## Моддаи 6. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон дорои салоҳияти зерин мебошад:

- пешбурди сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон;

- муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон;

- тасдиқи дурнамо, консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон;

- ташаккул додани заминаи меъёрию ҳуқуқии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон;

- салоҳияти дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## Моддаи 7. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон

Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- таъмини татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон;

- таҳияи лоиҳаи консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ва пешниҳод намудани онҳо барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дар доираи салоҳияти худ таҳия ва қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ, ки масъалаҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандонро танзим мекунанд;

- муайян кардани тартиби ташкили феҳристи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки дар татбиқи барномаҳои идоравии тарбияи ватандӯстӣ иштирок мекунанд ва аз дастгирии давлатӣ бархӯрдоранд;

- муайян кардани воҳиди сохторӣ, ки масъалаҳои тарбияи ватандӯстиро ба зимма дорад;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон;

- амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## Моддаи 8. Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон дорои ваколатҳои зерин мебошанд:

- таъмини татбиқи сиёсати давлатии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон;

- тасдиқ ва амалӣ намудани нақшаҳои мақсадноки рушди сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон;

- маблағгузории соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон;

- амалӣ намудани тадбирҳо оид ба ҷалби ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ ва динӣ ба ҳалли масъалаҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон;

- муайян кардани сохтори ваколатдори соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

- амалӣ намудани ваколатҳои дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## Моддаи 9. Ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон

Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар самти амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон дорои ваколатҳои зерин мебошанд:

- таъмини татбиқи сиёсати давлатии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон;

- тасдиқ ва амалӣ намудани нақшаҳои мақсадноки тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон;

- иштирок дар ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо дар самти тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон;

- ташкили кори тарбияи ватандустӣ бо шаҳрвандон дар ҷои истиқомат (маҳалли будубош);

- мусоидат ба фаъолияти субъектҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон дар ҳудуди дахлдор;

- баррасии гузориши роҳбарони ташкилотҳо, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва дигар шахсони ҳуқуқии ҳудуди шаҳрак ва деҳот доир ба кори тарбияи ватандӯстӣ.

## Моддаи 10. Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ

1. Ҳадафи танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ муқаррар намудани кафолатҳои давлатии механизмҳои амалигардонии ҳуқуқ ва озодии шаҳрвандон дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ, фароҳам овардани шароит барои рушди низоми тарбияи ватандӯстӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни соҳаи тарбияи ватандӯстӣ мебошад.

2. Вазифаи асосии танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ инҳоянд:

- таҳия ва қабули заминаи ҳуқуқие, ки фароҳам овардани шароит барои фаъолияти озод ва рушди низоми тарбияи ватандӯстиро таъмин менамояд;

- фароҳам овардани кафолатҳои ҳуқуқӣ барои мутобиқ гардондани манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳо дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ;

- муайян намудани вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳо дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ;

- тақсим кардани ваколатҳо дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ байни мақомоти давлатӣ ва мақомоти дигаре, ки идоракуниро дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон амалӣ менамоянд.

## Моддаи 11. Низоми тарбияи ватандӯстӣ

1. Бо мақсади татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон низоми давлатии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, ки барои муттаҳид ва ҳамоҳангсозии кори гуногунчабҳа дар ин соҳа нигаронда шудааст, ташкил карда мешавад.

2. Низоми тарбияи ватандӯстӣ ташаккул додани талаботи давлат ҷиҳати ташкили тарбияи ватандӯстӣ, барномаҳои тарбияи ватандӯстии намуд, сатҳ ва самташон гуногунро дар бар мегирад.

3. Сохтори низоми тарбияи ватандӯстӣ иборат аст аз:

- ташкилотҳое, ки тарбияи ватандӯстиро амалӣ менамоянд, кормандони (мутахассисон) омӯзгорӣ, шаҳрвандон, аз ҷумла шаҳрвандони ноболиљ ва волидайни (намояндагони қонунии) онҳо;

- мақомоти давлатӣ ва мақомоти дигари амаликунандаи тарбияи ватандустӣ, мақомоти маслиҳатию машваратӣ ва мақомоти дигаре, ки онҳо созмон додаанд;

- ташкилотҳое, ки таъмини тарбияи ватандӯстӣ ва арзёбии сифати тарбияи ватандӯстиро амалӣ менамоянд;

- иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки фаъолиятро дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ амалӣ менамоянд.

4. Оила ҳамчун зинаи ибтидоӣ дар низоми тарбияи ватандӯстӣ ҷойи махсусро ишљол мекунад.

5. Тарбияи ватандӯстӣ муттасил буда, дар доираи барномаҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ҳамчунин барномаҳои таълимии сатҳи гуногуни таълим амалӣ карда мешавад.

6. Низоми тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ба таъмини мақсадноки ташаккули мавқеи фаъоли шаҳрвандон, фарогирии ҳамаҷонибаи онҳо дар ҳалли вазифаҳои муҳимми ичтимоӣ, фароҳам овардани шароит барои ташаккул ёфтани тафаккури онҳо мутобиқ ба манфиатҳои миллӣ нигаронда шудааст. Низом бояд ҷавононро

омода карда, намояндагони наслҳои дигарро ба чунин фаъолияти фаъолона ташвиқ намояд, ки дар он донишу таҷрибаи ҳаётӣ бо мавқеи қарзи шаҳрвандию ватандӯстӣ ва манфиатҳои шахсӣ бо манфиатҳои ҷомеа пайванд шаванд.

## БОБИ 3. ТАЪМИНИ ФАЪОЛИЯТ ДАР СОҲАИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ШАҲРВАНДОН

### Моддаи 12. Таъмини иттилоотӣ-таҳлилии низоми тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон

1. Самаранокии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон бо таваҷҷуҳи доимии истифодаи унсурҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ва маънавӣахлоқии тарбияи шаҳрвандон, навсозӣ ва љанӣ гардондани муҳтавои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, муайянсозӣ ва истифодаи шакл ва технологияҳои инноватсионии ҷалби шаҳрвандон, алалхусус насли наврас, ба арзишҳои олӣ ва рушди маънавии онҳо дар фаъолияти воситаҳои ахбори умум таъмин карда мешавад.

2. Нақши асосӣ дар таъмини иттилоотӣ-таҳлилии тарбияи ватандӯстӣ ба манбаъҳои чопӣ ва электронӣ дода мешавад.

3. Дар ташкилотҳое, ки тарбияи ватандӯстиро ба амал мебароранд, аз ҷумла дар муассисаҳои таълимӣ, китобхонаҳо (китобхонаҳои электронӣ (рақамӣ)) ташкил карда мешаванд, ки дастрасиро ба манбаъҳои иттилоот, системаҳои ахборотӣ-маълумотӣ ва ҷустуҷӯӣ, ҳамчунин ба манбаъҳои дигари иттилоот таъмин менамоянд. Фонди китобхона бояд бо китобҳои дарсии чопӣ ва (ё) электронӣ, нашрияҳои методӣ ва даврӣ дар мавзуи тарбияи ватандӯстӣ таъмин бошанд.

4. Рӯйхати нашрияҳои таълимӣ, ки барои амалӣ намудани барномаҳои тарбияи ватандӯстӣ истифода мешаванд, аз тарафи ташкилоте, ки фаъолиятро оид ба тарбияи ватандӯстӣ амалӣ менамояд, бо дарназардошти талаботҳои давлатӣ ба ташкили тарбияи ватандӯстӣ ва барномаҳои тарбияи ватандӯстӣ муайян карда мешавад.

5. Ташкилоти амаликунандаи фаъолият оид ба тарбияи ватандӯстӣ манбаъҳои иттилоотии кушода ва дастраси умумро, ки иттилоот дар бораи фаъолияти онҳоро дорад, ташкил намуда, дастрасиро ба манбаъҳо тавассути ҷойгир намудани онҳо дар

шабакаҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла дар сомонаи расмии ташкилот (мақомот) дар Интернет, таъмин менамояд.

6. Мақомот ошкоро ва дастрас будани иттилооти зеринро таъмин менамояд:

- санаи таъсиси мақомот, муассиси он, маҳалли ҷойгиршавӣ, низоми кор, телефони тамос (рақам) ва суроғаи почтаи электронӣ;

- сохтор ва мақоми идоракунии ташкилот;

- барномаҳои амалишавандаи (ҷории) тарбияи ватандӯстӣ ва чорабиниҳои гузаронидашаванда;

- роҳбари мақомот, муовинони ӯ, роҳбарони филиалҳо (агар бошанд).

7. Бо мақсади ошкоро будани низоми тарбияи ватандӯстӣ мақомоти давлатӣ ва мақомоти дигаре, ки идоракунии соҳаи ватандӯстиро амалӣ менамояд, ҳамчунин ташкилотҳое, ки тарбияи ватандӯстиро амалӣ мекунанд, дастрасии иттилооти зеринро таъмин менамоянд:

- омори расмӣ, ки ба низоми тарбияи ватандӯстӣ дахл дорад;

- мониторинги низоми тарбияи ватандӯстӣ;

- маълумоти дигаре, ки дар ҷараёни амалисозии вазифаҳои худ аз тарафи мақомоти давлатӣ, мақомоти дигари идоракунӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ, ҳамчунин ташкилотҳое, ки тарбияи ватандӯстиро амалӣ менамоянд, ба даст оварда мешавад.

## Моддаи 13. Таъмини илмӣ ва таълимию методии тарбияи ватандӯстӣ

1. Таъмини илмии тарбияи ватандӯстӣ нигаронида шудааст:

- барои ташкили тадқиқи масъалаҳои мубрами соҳаи тарбияи ватандӯстӣ ва истифодаи натиҷаҳои онҳо дар фаъолияти амалӣ;

- барои таҳияи заминаҳои методологии ташаккул ва рушди шахсияти шаҳрванд;

- барои таҳияи муҳтаво ва шакли тарбияи ватандӯстӣ тавассути ба он ворид намудани унсурҳои таълимӣ, фарҳангию таърихӣ, маънавию ахлоқӣ, ҳарбӣ-ватандӯстӣ, меҳнатӣ, экологӣ ва қисматҳои дигар дар заминаи дастовардҳои муҳим дар соҳаи илмҳои иҷтимоӣгуманитарӣ, аз ҷумла таҷрибаи мусбати ҷаҳонӣ дар ин соҳа;

- барои асосноксозии илмии ҷалби шаҳрвандон ба арзишҳои ватандӯстӣ ва дарки маънавии онҳо.

2. Таъмини илмӣ-методии тарбияи ватандӯстӣ таҳияи бунёдии маҷмуи барномаҳои таълимӣ ва махсус, методикаи ташкил ва гузарондани тарбияи ватандӯстӣ, истифодаи ҳамаи гуногунии шаклҳои педагогӣ, усулҳо ва воситаҳо бо дарназардошти хусусиятҳои гурӯҳҳои гуногуни шаҳрвандон, бозомӯзӣ ва такмили тахассуси ташкилотчиёни тарбияи ватандӯстиро дар бар мегирад.

3. Дар низоми тарбияи ватандӯстӣ метавонанд ташкилотҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ҳамчунин ташкилотҳое, ки таъмини илмӣ-методӣ, захиравӣ ва иттилоотӣ-технологии тарбияи ватандӯстӣ ва идоракунии низоми тарбияи ватандӯстӣ ва арзёбии сифати онро ба амал мебароранд, ташкил дода шаванд ва фаъолият намоянд.

4. Бо мақсади иштироки кормандони педагогӣ, илмӣ, мутахассисон ва намояндагони ҷомеа дар таҳияи талаботҳои давлатӣ оид ба тарбияи ватандӯстӣ, барномаҳои тарбияи ватандӯстӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои амаликунандаи тарбияи ватандӯстӣ, дар таъмини сифат ва вусъатдиҳии муҳтавои тарбияи ватандӯстӣ ва дар низоми тарбияи ватандӯстӣ метавонанд иттиҳодияҳои методӣ ташкил карда шаванд.

## Моддаи 14. Таъмини меъёрию ҳуқуқии фаъолият дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон

Таъмини меъёрию ҳуқуқии фаъолият дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон тавассути:

- такмил додани заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва муайян намудани вазъи иҷтимоию ҳуқуқии тарбияи ватандӯстӣ;

- муайян кардани нақш, ҷой, масъала, вазифаи ҳар як мақоми ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҳамчун унсури таркибии системаи ягонаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, ба амал бароварда мешавад.

## Моддаи 15. Таъмини ташкилию методии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон

1. Таъмини ташкилию методии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон мақсади таҳияи барнома ва методикаҳои махсус доир ба ташкил ва

гузарондани тарбияи ватандӯстӣ дар шаклҳои гуногуни он, истифодаи ҳамаи гуногунии усулу воситаҳои омӯзгорӣ бо дар назар доштани хусусиятҳои ин ё он гурӯҳи шаҳрвандон, пеш аз ҳама ҷавонони донишҷӯ, ҷамъбаст намудани таҷрибаи пешқадам, воқиф намудан аз навовариҳои роҳбарон ва ташкилкунандагони корҳои оммавӣ, ҳамчунин интишори мунтазами адабиётҳоро дорад, ки фаъолияти соҳаи мазкурро равшан менамоянд.

2. Дар низоми тарбияи ватандӯстӣ метавонанд барномаҳои намунавии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон дар асоси талаботи давлат таҳия карда шаванд.

3. Тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон таъмин карда мешавад:

- дар ташкилотҳое, ки тарбияи ватандӯстии шаҳрвандонро амалӣ менамоянд;

- берун аз ташкилотҳои амаликунандаи тарбияи ватандӯстӣ (дар шакли тарбия дар оила).

4. Муҳтавои барномаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ва муҳлати азхуд намудани он аз тарафи мақоми амаликунандаи тарбияи ватандӯстӣ, ки тибқи талаботи давлат ва ташкили тарбияи ватандӯстӣ таҳия ва тасдиқ шудааст, муайян карда мешавад.

## Моддаи 16. Таъмини идоракунии низоми тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон

1. Идоракунии низоми тарбияи ватандӯстӣ дар асоси принсипҳои қонуният, демократӣ, ошкоро будани иттилооти низоми тарбияи ватандӯстӣ ва ба инобат гирифтани афкори ҷомеа ба амал бароварда шуда, тинати давлатию ҷамъиятӣ дорад ва иборат аст аз:

- ташаккули низоми ҳамкории мақомоти давлатӣ ва мақомоти дигари идоракунӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ;

- амалӣ намудани банақшагирии стратегии рушди низоми тарбияи ватандӯстӣ;

- қабул ва амалӣ намудани барномаҳои давлатии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, ки ба рушди низоми тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон равона шудаанд;

- гузарондани мониторинг дар низоми тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон;

- таъмини иттилоотӣ-методии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва мақомоти дигаре, ки идоракуниро дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон амалӣ менамоянд;

- танзими давлатии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон;

- арзёбии мустақили сифати тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон;

- омода намудан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти давлатӣ ва мақомоти дигаре, ки идоракуниро дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон амалӣ менамоянд.

2. Танзими давлатии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ба муқаррар намудани расмиёт ва талаботи ягонаи амалигардонии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, ба ташкилотҳое, ки тарбияи ватандӯстиро амалӣ менамоянд, нигаронда шудааст.

## Моддаи 17. Омода намудан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо барои низоми тарбияи ватандӯстӣ

1. Ташкили тарбияи ватандӯстӣ аз ҷониби мутахассисоне, ки барои ҳалли самараноки вазифаҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон лаёқат доранд, мувофиқи стандартҳои таълимии давлатӣ таъмин карда мешавад.

2. Такмили ихтисоси кадрҳо дар низоми таълими касбии иловагӣ ташкил карда мешавад.

3. Таълими касбии иловагӣ барои қонеъ намудани талаботи таълимию касбӣ, рушди кордонии кормандони ташкилотҳои тарбияи ватандӯстӣ, таъмини мутобиқатии тахассусии онҳо ба шароити тағйирёбандаи фаъолияти омӯзгорӣ ва муҳити иҷтимоӣ равона шудааст. Таълими иловагии касбӣ тавассути татбиқ намудани барномаҳои иловагии касбӣ (барномаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ) амалӣ карда мешавад.

4. Барномаи баланд бардоштани дараҷаи ихтисос барои такмил ё гирифтани малакаи нав аз ҷониби мутахассис, ки барои амалӣ намудани фаъолият дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбии он дар ҳудуди ихтисоси мавҷудбуда зарур аст, равона шудааст.

5. Барномаи бозомӯзии касбӣ барои гирифтани малакаи зарурӣ, ки барои иҷрои намуди нави фаъолият, гирифтани тахассуси нав дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ зарур аст, равона шудааст.

6. Муҳтавои барномаҳои иловагии касбӣ бояд стандартҳои касбӣ ва талаботи тахассусии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро гиранд.

7. Таълим бо барномаҳои иловагии касбӣ дар як вақт, муттасил ва давра ба давра, аз ҷумла тавассути азхудкунии дарсҳои алоҳидаи таълимӣ, курсҳо, фанҳо, модулҳо, таҷрибаомӯзӣ бо истифода аз шаклҳои шабакавӣ, бо тартиби муқаррарнамудаи барномаи таълимӣ ва (ё) шартномаи таҳсилот амалӣ карда мешавад.

## Моддаи 18. Таъмини молиявӣ-иқтисодии тарбияи ватандӯстӣ

1. Таъмини молиявӣ-иқтисодии тарбияи ватандӯстӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатии сатҳи гуногун ва сарчашмаҳои дигар, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, ба амал бароварда мешавад.

2. Барои маблағгузории чорабиниҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ташкил намудани фондҳои махсус мумкин аст. Тартиби ташаккул ва хароҷоти воситаҳои фондҳо, ташкилотҳои хайрия, сарпарастон ва ташкилоти дигарро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

3. Таъмини молиявии хизматрасониҳои давлатӣ ва хизматрасониҳои дигар дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти хусусиятҳои муқаррароти Қонуни мазкур амалӣ карда мешаванд.

# БОБИ 4. ТАНЗИМИ ДАВЛАТӢ ВА ИДОРАКУНӢ ДАР СОҲАИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ШАҲРВАНДОН

## Моддаи 19. Амалигардонии танзими давлатӣ ва идоракунӣ дар соҳаи сиёсати давлатӣ оид ба тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон

1.Танзими давлатӣ ва идоракунӣ дар соҳаи сиёсати давлатӣ оид ба тарбияи ватандӯстии шаҳрвандонро мақомоти ваколатдори давлатӣ ва мақомоти дигар дар доираи ваколаташон амалӣ менамоянд.

2. Танзими давлатӣ ва идоракунӣ дар соҳаи сиёсати давлатӣ оид ба тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон аз инҳо иборат аст:

- таҳлил, арзёбӣ, пешгӯӣ ва тарҳсозии вазъи кори низоми тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон бо назардошти тамоюлҳои рушди ҷомеа;

- муайян ва масъалагузории вазифаҳои ҷорӣ ва ояндаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон;

- банақшагирии илман асосноки тарбияи ватандӯстӣ, интихоб, омӯзиш ва ҷобаҷогузории кадрҳо;

- таҳлили вазъ ва таъсирбахшии кори тарбияи ватандӯстӣ ва мунтазам иттилоъ додани мақомоти давлатӣ аз рафти амалисозии вазифаҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон;

- тасҳеҳи саривақтии низоми таъсиррасониҳои тарбиявӣ;

- таъмини дастгирии давлатии субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ бо захираҳои зарурии таълимӣ, воситаҳо, ҳамчунин усул ва технологияҳои пешқадами тарбияи ватандӯстӣ бо ҳамаи категорияҳои шаҳрвандон.

3. Давлат дар амалисозии танзим ва идоракунии соҳаи сиёсати давлатӣ оид ба тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон аз институтҳои ҷамъиятӣ васеъ истифода мебарад.

## БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

### Моддаи 20. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

### Моддаи 21. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе,

аз 24 декабри соли 2022, № 1920